«Тасдиқ мекунам»
ректори ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
академик Салимӣ Н.Ю.
________________
«___17___»____10____2018

Хулосаи

кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар бораи рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ». -Душанбе, 2018.

Рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани рисола Раҳимов Холмаҳмад Баротович унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд. Раҳимов Холмаҳмад Баротович солҳои 1990-1996 дар факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳсил карда, донишгоҳро ба ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 1996-2004 дар вазифаҳои лаборант ва муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ кор кардааст. Баъдан аз соли 2005 то имрӯз дар факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ дар вазифаи муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик фаъолият менамояд.

Роҳбари илмии Раҳимов Холмаҳмад Баротович доктори илми филология, профессор Муллоев Абдусамад мебошад.

Кафедра баъди баррасии муфассали рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович ба хулосаи зер расид:

Рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва

навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассали илмиеро анҷом додаст, ки он дар шакли рисолаи илмӣ дар сатҳи лозимӣ таҳия гардидааст.

Рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович бо масъалагузории ҷиддии илмӣ, хулоса ва баррасиҳои бодалел, масъалагузориҳои боҷуръатона фарқ мекунад. Муаллиф масоили ба миёнгузоштаро бонизом ва дар сатҳи лозимии илмӣ ҳаллу фасл намудааст. Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалӣ аст.

Моҳияти илмӣ ва пажӯҳиши мавзӯи рисола дар он зоҳир мегардад, ки воқеан ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик барои инкишофи шеъри имрӯз нақши муҳим дорад. Зеро Лоиқ Шералӣ ҳамчун адиби соҳибҳунар, ҷӯянда ва тозакор яке аз пешғомони таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар нимаи дуюми садаи XX ва оғози қарни XX1 тоҷик буд. Аз ин ҷиҳат таҳқиқи ҷусторҳои адабии ин шоири навгаро ва ҷӯянда аҳамияти хоси илмӣ ва адабию фарҳангӣ дорад.

Муаллифи рисола зимни баррасии муфассали ашъори Лоиқ Шералӣ ба субут мерасонад, ки ӯ воқеан адиби соҳибҳунар буда, бо ҷусторҳои боҷуръатонаи худ дар рушди адабиёти муосири тоҷикӣ, хоса шеъри муосир нақши муҳим гузоштааст. Дар эҷодиёти ӯ ҷанбаҳои ҳунарӣ ва адабӣ дар шаклу шеваҳои гуногун бозтоб мешавад ва онҳо бо равандҳои шеъри муосири тоҷикӣ иртиботи қавӣ доранд, махсусан, ҷустуҷӯҳои бобарори шоир дар навсозии муҳтавои ашъори ғиноӣ, таҳаввули анвои шеърӣ, эҳёи суннатҳои адабӣ ва хоса навсозии шаклу мазмуни як қатор анвои шеърии классикӣ ҷолиби диққат аст.

Дар рисола унвонҷӯ зимни пажӯҳиши ашъори Лоиқ Шералӣ собит менамояд, ки ашъори Лоиқ Шералӣ на танҳо аз лиҳози мавзӯъ ва мазмуну мундариҷа, балки аз нигоҳи шакл, сабки адабӣ, шеваҳои тасвир, сохтори адабию ҳунарӣ, забону шеваҳои баён намунаи ҷолиби шеъри муосири тоҷикӣ буда, муаллифи он адиби комилан навҷӯю навгаро маҳсуб меёбад. Ин фазилатҳои адабию ҳунарии ашъори Лоиқ

Шералӣ қаблан, дар навиштаҳо, мақолаю китобҳои муҳаққиқони тоҷик М.Шакурӣ, А.Сайфуллоев, А.Сатторзода, Х.Шариф, А.Ҳаким ва дигарон ишора шудааст. Вале дар рисолаи мавриди назар масъала ба таври куллӣ ва фарогир ба миён гузошта мешавад.

Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар баробари таҳқиқи ҷусторҳои ҳунарии Лоиқ ашъори ӯро аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, анвои шеърӣ ва сабку баёни шоирона низ накду баррасӣ менамояд. Вай дар заминаи баррасии муфассали ашъори ғиноии шоир собит менамояд, ки Лоиқ аз оғози эҷодиёташ ҳамчун адиби тозакору ҷӯянда ба майдони адабиёт ворид гардида, дар шеъри муосири тоҷикӣ як мактаби қавии адабию ҳунариро ба вуҷуд овард, ки он дар инкишофи адабиёти муосири тоҷик нақши калон мебозад.

Унвонҷӯ дар боби якуми рисола нахустин ҷустуҷӯҳои адабию эҷодии шоирро дар партави равандҳои адабии солҳои шасту ҳафтоди садаи XX баррасӣ намуда, таъкид месозад, ки ҷусторҳои адабии Лоиқ аз ибтидо бо равандҳои адабии замон алоқаи мантиқӣ дошт. Зимни баррасии ин қисмати ашъори шоир унвонҷӯ собит месозад, ки ҷусторҳои адабию эҷодии Лоиқ дар оғози фаъолияти эҷодиаш аз таҷрибаи пешиниёну муосиронаш ҷудо набуд, ҳарчанд ашъори ин давраи шоир гувоҳи ҷуръати адабӣ ва кӯшишҳои қолабшиканании ӯ мебошанд. Сию ду шеър ва понздаҳ рубоии дар маҷмӯаи аввалини Лоиқ «Сари сабз» ба нашр расида, далели равшани дидгоҳи хос ва фардияти адабию ҳунарии муаллифанд. Лоиқ ба василаи маҷмӯаҳои аввали худ тавонист, ки хонандагонро мутақоиди шинохти дигари ҳақиқати зиндагӣ, андешаву ормонҳо ва меъёрҳои зебошинохтии худ ғардонад.

Боби дуюми рисола аз се фасл иборат буда, он пурра ба баррасии хасоиси эҷодиёт ва ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир ихтисос дода шудаанд. Таъкид мешавад, ки тафаккури баланди ғиноӣ аз ибтидо дар робита бо мавзӯъҳои доғи рӯз ҷаҳони шоиронаи Лоиқ Шералиро фароҳам сохтаанд. Ҳамаи аркони ашъори ӯ дар партави як нури отифӣ таҷаллӣ мекунад, ки онро метавон ба таври мушаххас ҳунару истеъдоди

нотакрори шоирӣ номид. Таҷрибаи адабии Лоиқ собит месозад, ки шахсияти адабӣ дар ашъори ғиноӣ воқеан, ифодагари эҳсосу андеша ва ормонҳои шоирона мебошад. Ҳувияти инсонӣ ва фардияти ҳунарии Лоиқ дар шинохти миллат, ватан ва арзишҳои миллӣ дар адабиёт низ нақши муҳим доранд. Дар тасвири шоир ватан танҳо як истилоҳи ҷуғрофӣ нест, балки вай меҳвари ҳувият ва маънавияти халқ мебошад.

Боби сеюми рисола бо навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ ихтисос дода шудааст, ки он иборат аз ду фасл аст. Дар ин бахш унвонҷӯ бештар ба ашъори навҷӯёна ва чаҳорпораҳои шоир таваҷҷуҳ намудааст. Лоиқ тибқи оморгирии муҳаққиқ 215 шеъри нимоӣ ва озод навиштааст, ки онҳо бо истиқлоли авомили шаклӣ имтиёз доранд. Хусусияти муҳими ин бахши ашъори шоир аз назари унвонҷӯ он аст, ки дар онҳо таносуби устуворе байни мавзӯъ, муҳтаво ва қолабҳои адабӣ барқарор мебошад. Ин қолабҳоро шоир бештар ҳангоми баёни мавзӯъҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва матолиби рӯз корбаст менамояд. Намунаи ин шеърҳои «Ман намемирам», «Суруде хоҳаму шеъре», «Боз як рӯзам гузашт», «Моҳии тилло», «Мадҳияи аҷал» ва ғайра мебошанд. Нигоҳи тозаи шоир ба ҷаҳони ботинии инсон сохти шеър, забон ва шеваи баёнро тозаю муассир мегардонад.

Шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ шакли зеҳнӣ, яъне бунмояи ташаккул ва таҳаввули маънавӣ дорад. Калимаҳо, тасвирҳо ва аҷзои шеър бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, пайванди маънавӣ ба ҷои қофия ва радиф таркиби шеърро устувор сохтанд, ки ин низ аз хасоиси муҳими ҳунарии шоирии Лоиқ маҳсуб мешаванд. Шоир шеъри нав ва чаҳорпораро аз сурати тафаннунӣ берун оварда, ба мазмунофаринӣ ва тасвиргароӣ дар он афзалият дод, ки он аз ҷумлаи муҳимтарин фардияти эҷодии ӯ мебошад.

Муҳимтарин навгонии рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар он аст, ки муаллиф бори нахуст ҷусторҳои адабию ҳунарии Лоиқро ба таври мушаххас ба таҳқиқ мегирад. Вай дар рисолаи мазкур дар партави таҷрибаи эҷодии шоир, дидгоҳҳои хосу фардӣ, ҷанбаҳои шаклӣ,

шеваҳои тасвиргарӣ ва асолатҳои дигари ҳунарии ашъори ӯро муайян менамояд, ки онро метавон навгонии илмӣ ҳисобид.

Омӯзиш ва таҳқиқи муфассали ҷусторҳои адабии Лоиқ Шералӣ дорои аҳамияти муҳими назарӣ ва амалӣ мебошад. Ин на танҳо барои муайян кардани мақому ҷойгоҳи шоир дар равандҳои шеъри муосири тоҷикӣ муҳим аст, балки барои дарку фаҳми моҳияти каломи шоиронаи Лоиқ, ормонҳои адабӣ ва иҷтимоию миллии ӯ ва дар ниҳоят барои шинохти воқеии тамоилҳои шеъри муосири тоҷикӣ аҳамияти калон дорад. Рисолаи мазкур барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва умуман тадриси адабиёти муосири тоҷик муҳим мебошад. Хулоса ва натоиҷи пажӯҳиши мазкурро метавон ҳангоми таълифи рисолаҳои илмӣ, корҳои магистирию докторӣ ва таҳқиқи масоили гуногуни шеъри муосири тоҷикӣ истифода намуд.

Дар маҷмӯъ рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» тадқиқоти комилу анҷомёфта мебошад ва онро метавон ба ҳимоя тавсия кард.

Хулосаи мазкур баъди баррасии муфассали рисола дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки 15 нафар устодони кафедра қабул гардид. Суратҷаласаи №2 (29.09.2018)

Мудири кафедраи
назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин
Айнӣ, доктори илмҳои филология, профессор — Солеҳов Ш.А.

Имзои Ш.А.Солеҳовро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Назаров Д.